**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи «Ташакулли салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Дар рисола усулҳои таълими таҷрибаомӯзии пленэрӣ ва аҳамияти он дар ташаккули шахсияти эҷодии донишҷӯёни факултетҳои санъати тасвирӣ таҳқиқ гардидааст. Таъкид карда шудааст, ки малака ва донишҳое, ки дар раванди таълими тачрибаомӯзии пленэрӣ ба даст оварда шудаанд, маҳорати касбии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирро такмил медиҳад. Муаллиф ба маврид таъкид мекунад, ки «омӯзиши табиат ва мусаввarии он аз ҷониби рассомон ҳамчун як манбаи бепоёни тарбияи муҳаббат ба табиати Ватан ба шумор меравад». Дар рисола аҳамияти донишҳо доир ба тасвири табиат ва нақши он дар тарбияи шахсияти эҷодии донишҷӯёни факултети СТ ва Т қайд карда шудааст. Таълими муосири санъати тасвирӣ ва педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи муҳим дар фарҳанги миллӣ буда, муҳокимаи ғояҳои фарҳанги миллӣ бидуни таълими санъати тасвирӣ дар низоми маълумоти олӣ ғайриимкон аст, зеро онҳо натанҳо падидаи соҳаи таълим, балки санъат ва фарҳанги Тоҷикистон буда, беназир ба шумор меравaнд.

Технологияи педагогии таълими таҷрибаомӯзии пленэри аз тарафи диссертант Ғаниева Малика коркардшуда оид ба ташаккули салоҳиятнокии педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултетҳои санъати тасвирӣ ва технология ба дараҷаи зарурӣ самарабахш ба ҳисоб рафта, дар амалияи муассисаҳои олии таълимӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Тарҳрезии фаъолияти намунавии омӯзгори санъати тасвирӣ дар раванди таълими донишгоҳи олӣ донишҷӯёни факултетҳои санъати тасвириро ба илмомӯзӣ ҳавасманд карда, боиси ташаккули салоҳиятҳои педагогӣ ва тасвиркашии онҳо мегардад. Дуруст қайд карда шудааст, ки

барои пешгӯии натиҷаҳо ва қабули қарорҳои илман асоснок педагог бояд аз усулҳои таълим бархурдор бошад.

Кори илмии мазкур ҷанбаҳои гуногуни масоили рафти инкишофи салоҳиятнокиҳои рассомӣ ва педагогии донишҷӯёни факултетҳои санъати тасвирӣ баррасишавандаро пурра фаро намегирад. Баъзе аз ҷанбаҳои раванди мазкур, ҷанбаҳои ҷиддии такмили инкишофи салоҳиятнокиҳои бадеӣ-педагогӣ берун аз доираи тадқиқоти мазкур монданд ва дар коркарди минбаъдаи илмӣ эҳтиёҷ доранд. Онҳо метавонанд ба сифати заминаи ҷустуҷӯи минбаъдаи усулҳои самараноки такмилдиҳии омодакунӣ ва омодагии донишҷӯёни факултетҳои санъати тасвирӣ хизмат кунанд. Ба онҳо, масалан, дарёфткунӣ ва тавсифи шаклҳои назорат ва худбаҳогузории салоҳиятнокиҳои бадеӣ-педагогӣ, ташкили дастурҳои таълимӣ дар асоси супоришҳои пленэр ва ғайра дохил мешаванд.

Кори илмии диссертант Ғаниева Малика, кори илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, тавсияҳои методии озмудашудаи инкишофи салоҳиятнокиҳои рассомӣ ва педагогии донишҷӯён метавонад дар машғулиятҳои фазои кушод дар факултетҳои санъати тасвирии донишгоҳҳо ва коллеҷҳои педагогӣ истифода гарданд.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи
сохтмон ва корҳои маркшейдерии
Донишкадаи куҳӣ – металлургии Тоҷикистон Юсупов С.М.

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бустон кӯчаи Баротов А 6.
Тел:+992(3451)5-0175 сомонаи расмӣ: www.gmit.tj

Имзои Юсупов С.М. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии
Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон Мӯминова Д.М.

«16» октябри 2020с.